**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович тахти унвони «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ўзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйии ихтиссоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ**

Дар забоншиносии тоҷик перомуни шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва аломату хусусиятҳои он, хусусан оид ба корбурди онҳо дар байни мардум мақолаю рисолаҳои илмӣ зиёде ба табъ расидаанд, аммо калимаҳои хоси шева ва муқоисаи онҳо ба дигар манотиқи тоҷикнишин чун қабати махсус то ба имрӯз мавриди омӯзиши мукаммал қарор нагирифтааст.

Мавзуи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик мавзуи нав набошад ҳам, хусусиятҳои забонӣ ва баррасии меъёрҳои илмии ин қабати луғавӣ то солҳои наздик аз назари олимон ва донишмандони каме дур мондааст. Маҳз ҳамин омил боиси мегардад, то дар алоҳидагӣ ба омӯзиши ин ё он хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ таҳқиқотҳои пурсамар ба анҷом расонида шавад. Аз руйи гуфтаи муҳаққиқ ҳоло ҳам калимаҳои хоси шева бо аломатҳои мушаххас аз лексикаи забони меъёрӣ ва умумихалқӣ фарқ дошта, омилҳои зиёди забонӣ мавҷуданд, ки заминаи гузариши онҳоро ба қатори калимаҳои хоси шева фароҳам меоранд. Таҳқиқи як ҳавзаи ҷуғрофии тоҷикнишин, муайян намудани меъёри забонии калимаҳои хоси ҳамон минтақа, ҳудуди интишори онҳо, шаклгириҳои забонӣ ва ифодаи маъноии онҳо дар забоншиносии тоҷик маводи фаровоне ба даст меоварад. Ногуфта намонад, ки дар таркиби луғавӣ калимаҳои хоси шева нисбат ба лексикаи умумихалқӣ устувор мебошанд ва гунаи калимаҳо ба осонӣ вориди ин қабати луғавӣ намешаванд. Агар гирдоварии маводи лаҳҷаҳо, баррасии ифодаи маъноӣ, тобишҳои услубии ин қабати лексикӣ, ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева ва муқоисаи хусусиятҳои забонии онҳо вақти муайянеро талаб намояд ҳам, аз ҷониби дигар, ба такмили қисмати назариявии мафҳуми калимаҳои хоси шева ва бисёр масъалаҳои мубрами соҳаи лаҳҷашиносӣ равшанӣ меандозад. Аз ин рӯ, докторант кӯшидааст, ки доир ба хусусиятҳои муҳимтарини лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ изҳори назар намояд.

Дар рисола дар бораи калимаҳои хоси шева ва роҳҳои гуногуни пайдоиши онҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ сухан рафта, диссертант таъкид ба он менамояд,

ки гунаи калимаҳо, таркиб ва ибораҳо ба таври хеле зиёд дар истифодаи мардум қарор доранд. Муллифи рисола роҷеъ ба мавқеи корбурди калимаҳои хоси шева ва нақши онҳо дар нутқу муоширати соҳибони лаҳҷа андешаҳои ҷолиб ва тадқиқи наву рангин пардохта, аз уҳдаи он ба хубӣ баромадааст.

Диссертасия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии рисола 439 саҳифаро ташкил медиҳад. Муҳаққиқ ҷузъитарин масъалаҳои марбут ба мавзӯъро аз назари таҳқиқ гузаронидааст, Дар муқаддима Қурбонов С. Ҳ. дар бораи аҳамияти таҳқиқи мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, сарчашмаҳои таҳқиқот маълумоти муфассал пешниҳод намуда, доир ба нақши меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо дар таркиби луғавии гӯйишҳои тоҷикӣ лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваю лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бамаврид андешаронӣ кардааст.

Боби якум «Масъалаи таҳқиқ ва таснифи калимаҳои хоси шева» номгузорӣ шуда, он аз чор фасл иборат мебошад. Ногуфта намонад, ки солҳои қаблӣ масъалаи омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ диққати муҳаққиқону олимон ва адибони хориҷиву тоҷикро ба худ ҷалб намуда буд ва муҳаққиқ аз таҳқиқотҳое, ки аз ҷониби донишмандони хориҷиву дохилӣ вобаста ба калимаҳои хоси шева, фикру андешаҳои онҳо, таълифи рисолаву корҳои илмии ба табъ расидаи онҳо хуб огоҳӣ дорад. Дар рисола унвонҷӯ таъкид ба он менамояд, ки “дар забоншиносии рус шуруъ аз солҳои 50-уми асри гузашта омӯзиш ва таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо диққати олимони зиёдеро ба худ ҷалб намуда буд” ва барои мукамалии фикри худ номгӯйи зиёди муҳаққиқони рус ба монанди Л.Н. Ивашкова, О.С. Ижелская, Г.Г. Мелничкено, И.А. Оссоветский, Ф.П. Сороколетов, О.Т. Порохова, Ф.П. Филин, А.В. Калинин, Н.М. Шанский, А.А. Уфимсева, О.А. Нечаева, В.И. Ковал, Е.П. Осипова, Г.К. Калиев, М.Х. Партенадзе, О.А. Радченко, Р.П. Кузмина, Е.Н. Блохина ва дигаронро рӯйи кор оварда, барои мустаҳкамии ҷанбаи илмии мавзуъ таҳқиқотҳои олимону донишмандони русро вобаста ба мазмуну муҳтавои калимаҳои хоси шева гуруҳбандӣ намудааст.

Бояд ба арз бирасонем, ки масъалаи омӯзишу таҳқиқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқону олимон ва адибони тоҷик аз назари унвонҷӯ дур намондааст. Барҷаста будани саҳми устод С. Айнӣ ва олимони тоҷик А. Сӯфиев, В. Қосимов, М. Маҳмудов, Ҷ. Раҳматуллоев, К. Саидова, Т. Мақсудов, Ш.Исмоилов, Н. Гадоев, .З. Замонов, Ҷ. Саидов,

И. Сулаймонов, Б. Муминова дар корбаст шудани калимаҳои асили тоҷикӣ дар лаҳҷаҳо қайд гардидааст.

Боби дуюм «Роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева» номгузорӣ шуда, он фарогири се фасл ва 13 зерфасл мебошад. Бояд қайд намуд, ки калимасозӣ асоси ташаккул ва инкишофёбии таркиби луғавии забон ба шумор рафта, тавассути роҳҳои калимасозӣ доираи маъноии калима васеъ мегардад. Дар илми забоншиносӣ як гурӯҳи махсуси калимаҳои хоси шеваро диалектизмҳои морфологӣ ташкил медиҳанд. Диссертант вобаста ба ин мавзуъ маводҳои зиёдеро аз лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ ҷамъоварӣ намуда, қайд менамояд, ки "яке аз сермаҳсултарин дар ташаккули калимаҳои хоси шева воситаҳои морфологӣ - калимасозии пасвандӣ ба ҳисоб меравад".

Боби сеюми рисолаи илмӣ – «Таснифи мавзуии калимаҳои хоси шева» номгузорӣ шуда, иборат аз ду фасл ва ёздаҳ зерфасл мебошад.

Муҳаққиқ вобаста ба ин мавзуъ фарқияти таркиби луғавии лаҳҷаҳоро аз рӯйи тарзи зиндагӣ, урфу одат, вазъи иҷтимоиву маданӣ ва муҳити ҷуғрофӣ муқоиса намуда, онҳоро ба ду қисмат: ашёӣ ва ғайриашёӣ тасниф намудааст. Вобаста ба лексикаи ашёӣ унвонҷӯ тавонистааст онҳоро ба гуруҳҳои тасниф намояд, аз ҷумла, калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ, марбут ба хона ва ҳавлӣ, ифодакунандаи хӯрокворӣ, марбут ба либос, асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ, номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот, ифодакунандаи номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо, ифодакунандаи номи узвҳои бадан ва бемориҳо, ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ ва монанди инҳо. Ҳар як қисматро аз нигоҳи дар бар гирифтани маъноҳои луғавию семантикӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо бо мисолҳои эътимоднок аз лаҳҷаи гуногуни минтақаҳо таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Муҳаққиқ дар хулоса доир ба хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар бисту ду банд натиҷагирӣ намудааст. Аз мазмуну муҳтавои кор, феҳристи адабиёти илмӣ аён мегардад, ки Қурбонов С. Ҳ. аз адабиётҳои илмӣ пурсамар ва эҷодкорона истифода намудааст. Асоси назариявию амалияи диссертатсияи мазкурро сарчашмаҳои таърихӣ, хусусан фарҳангҳо, асарҳои илмии забоншиносони рус, таҳқиқоти забоншиносони тоҷик ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти мазкур дар заминаи маводи фаровони таҳлилӣ-муқоисавӣ анҷом ёфтааст. Муаллифи рисола доир ба хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикиро аз рӯйи сохтор,

таркиб ва ҷиҳатҳои маъноӣ хуб арзёбӣ намудааст, ки ин сазовори дастгирист. Бо вуҷуди он дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои беҳдошти сифати кор дар мавриди корҳои минбаъда ва чопи рисола аз манфиат холӣ нест:

1. Дар автореферати рисола баъзан ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасад: тоҷиқи - тоҷикӣ (с. 51), мукамал-мукаммал (с.42).

2. Баъзе мисолҳои овардашудаи унвонҷӯ доир ба калимаҳои хоси шева дар манотиқи гуногун пурра муқоиса нашудаанд.

3. Дар ҷобаҷогузории феҳристи адабиёти истифодашуда баъзе камбуду норасоиҳо ва ғалатҳои техникӣ ҷой дорад.

Албатта, ин камбуду норасоиҳо ҷузъӣ буда, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии рисоларо коҳиш дода наметавонанд. Бояд қайд кард, ки диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муҳаққиқ Қурбонов Содиқ ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтиссоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Муқарриз** :
доктори илми филология, профессори
кафедраи забони муосири руси
Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Салимов Рустам Давлатович

**Нишонӣ**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 102, ут. 190
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
**Тел**.: (+992) 934789676
**Emai**:WWW.s83@mail.ru

Имзои Салимов Рустам Давлатовичро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДСРТ Раҳимов Абдулҳамит Абдибосирович

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

05 феврали соли 2024